## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба кори диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович таҳти унвони “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати зерин: **Азизов А.А.**– доктори илмҳои педагогӣ, профессор (раис); аъзоён **Хоҷаева М.Ҷ.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Исломов О.А.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор дар натиҷаи таҳлил ва санҷиши кори диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба чунин хулоса омад:

1. Дар марҳалаи кунунии рушди низоми маорифи мамлакат масъалаҳои арзишҳои умумиинсонӣ, маънавият афзалият пайдо карда. бознигарӣ ба ташаккули тарзи мазмунофарандаи ҳаёти инсоне афзуда истодааст, ки барои худинкишофдиҳӣ, интихоби тақдир ва амалисозии иқтидори худ дар боигарии анъанаҳои ҷомеа ва фарҳанг қобилият дорад. Ин матлаб дар парадигмаи инсонпарваронаи консепсияи таҳсилоти мамлакат инъикос ёфтааст. Шахсияти педагог, салоҳиятнокии ӯ, мундариҷаи инсонпарварона, хусусият ва самтгирии фаъолияти педагогӣ ва муносибатҳои ӯ бо шогирдон, ҳамчунин шахсияти мактаббача, ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ, сифатҳои шахсият, инкишофи қобилият ва омодагӣ ба худмуайянкунии арзишӣ, сатҳи тамаркузи низоми арзишҳо муҳиманд. Педагогҳо ва мактаббачагон ҳамчун як навъ меҳвари мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон

ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад. Рушди мутаносиби шахсият бо самтгирии пешравандаи инкишофи тамоми ҷиҳатҳои он, пуррагӣ ва пайвастагии онҳо ба фаъолият ва муносибатҳо бо худ, ҷомеа, фарҳанг ва табиат тавсиф меёбад. Мутаасифона, то ба имрӯз, масъалаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври кофӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб дар марҳалаи муосири низоми маорифи кишвар омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи муаммои мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеъ ва нақши басо арзишмандеро соҳиб аст.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ, таҳқиқ ва коркарди илмии он аз тарафи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар марҳилаи кунунии рушди илмҳои педагогӣ хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.

2. Аз омузиш ва таҳлили диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович бармеояд, ки муаллифи рисола дар таҳқиқоти диссертатсионӣ – моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда, механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян намудааст; маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок карда шудаанд; самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардидаанд: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳаммияти арзишҳо, инъикос, тавлиди мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, беҳтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек; технологияи педагогие коркард шудааст, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи шахсии худмуайянкунии мактаббачагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии

иҷтимоиро фаро мегирад ва ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

3. Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф коркард шудааст, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур, ба ташаккул ва рушди муаммои таҳқиқоти барррасишаванда пояҳои арзишманди илмиро ба вуқӯъ пайвастааст. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон дар ин равия метавонанд истифода шаванд.

4. Асоснокӣ ва боэътимодии таҳқиқотро мувофиқати методология ба ҳадафу предмети таҳқиқот; асоснокии хулосаҳо ва баҳодиҳӣ, муқоисаи онҳо бо маълумоти коркардҳои илмии олимони маъруф; истифодаи маҷмуи методу воситаҳо; такроршаванда ва тағйирпазир будани интихоби аз ҷиҳати оморӣ муҳимми иштирокчиёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки назардошти шароити мушаххас ва муқаррар кардани қонунияти падидаҳоро имкон медиҳад; мувофиқати маҷмӯи методҳои ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ; таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати педагог таъйин мегардад.

5. Диссертатсияи Пиров Ҳ.П. ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст: *банди 1* - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (дидгоҳҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогика, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; методҳои таҳқиқоти педагогӣ); *банди 6* - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии онҳо; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот); *банди 7* - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасти таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ).

6. Автореферати диссертатсияи Пиров Ҳ.П. бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофикати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 11 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34-ми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

7. Кори диссертатсионии Пиров Ҳ.П. дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" баррасӣ гашта, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии кафедраи мазкур, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо конференсияҳои илмӣ – амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (2018 – 2023) муҳокима шуданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқикот дар амалияи омодагии омӯзгорони оянда тавассути маҷмӯи мақолаҳои интишорёфта, хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён сурат гирифтааст.

8. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф дар сатҳи хуби илмӣ ва мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ ва навгониҳои назарраси

илмӣ  аст, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

9. Дар кори диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

10. Мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадовичро ба инобат гирифта комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки он дар таҳти унвони "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" пазируфта шавад.

Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон  "Шурои диссертатсионӣ"-ро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович таҳти унвони "Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" барои дарёфти  дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 –  педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2. **Лоиқов Парвиз Ҷумахонович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

3) Ба ҳайси **муассисаи пешбар – Пажухишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон** тавсия карда мешавад.

4). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Хоҷаева М.Ҷ.

доктори илмҳои филология, профессор Исломов О.А.

*"Имзоҳои профессорон Азизов А.А., Хоҷаева М.Ҷ.*
*ва Исломовро тасдиқ мекунам".*

*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"* *Наврузов Э.М.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

03.04.2024с.